**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси** ***6D050600– Иқтисодиёт (6D050601 –Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ))***

Диссертатсияи пешниҳоднамудаи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич ба таҳқиқи масъалаи муҳими замони муосир - ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Мавзуъ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба ҳалли мушкилоти стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, аз ҷумла татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба рақамикунонӣ, инноватсия ва афзоиши нақши дониш дар истеҳсолот ва идоракунӣ равона гардидааст.

Дар диссертатсия моҳияти назариявии иқтисодиёти донишбунёд аз дидгоҳи мактабҳои асосии иқтисодӣ таҳлил гардида, моделҳои ташаккули он дар кишварҳои пешрафта ва мутобиқсозии онҳо ба шароити саноатикунонии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Муаллиф асосҳои институтсионалӣ, ташкиливу иқтисодӣ ва ҳуқуқии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёдро дақиқ муайян намуда, дар асоси таҳлили оморӣ ва муқоисавӣ омилҳои асосии таъсиррасонро ба рушди иқтисоди дониш дар кишвар муайян намудааст.

Дар қисми амалии тадқиқот, муаллиф бо истифода аз усулҳои иқтисодсанҷӣ ва таҳлили регрессивӣ таъсири сармоягузориро ба соҳаи маориф, илм ва технология, инчунин нақши капитализатсияи донишро ба рушди истеҳсолот ва маҳсулнокии меҳнат нишон додааст. Пешниҳодҳои илмии муаллиф, аз ҷумла дар бораи ташкили низоми миллии инноватсионӣ, рушди кластерҳои дониш, ҳамгироии донишгоҳҳо ва соҳаи истеҳсолот, инчунин, афзоиши сармояи инсонӣ дорои арзиши баланди амалӣ мебошанд.

Диссертатсия бо сохтори мантиқӣ, далелҳои муътамад ва таҳлили амиқи назариявӣ фарқ мекунад. Матн дар асоси адабиёти илмии муосир ва маълумоти омории боэътимод навишта шудааст. Натиҷаҳои илмии бадастомада ба талаботи диссертатсияҳои илмии дараҷаи доктори фалсафа (PhD) ҷавобгӯ мебошанд.

Дар раванди навиштани диссертатсия Хакимов Каримҷон Савзаалиевич худро ҳамчун кормади илмии ҷиддӣ нишон дода, дорои дониши амиқи назариявӣ ва амалии мушкилотҳои мураккаби иқтисодӣ оид ба муқаррарсозии самтҳои асосии иқтисодиёти донишбнёд дар Ҷумхури Тоҷикистон мебошад. Дар ҷараёни навиштани диссертатсия ӯ саъю кӯшиши баланд, қобилияти истифода бурдани дастгоххҳои муосири таҳқиқотиро барои ҳалли масъалаи гузошташуда нишон дод.

Умуман, Хакимов Каримҷон Савзаалиевич маҳоратҳои баланди кори таълимӣ ва илмиро дар худ касб месозад. Вай худро ҳамчун таҳқиқгари баркамол нишон дод, ки метавонад мустақилона масъалаҳои илмии хусусияти иқтисодӣ ва идоракунӣ доштаро дар соҳаи назарияи муосири иқтисодӣ таҳия ва ҳал намояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон ба хулосае омад, ки ҳамаи вазифаҳо ва ҳадафҳои гузошташуда пурра ба анҷом расидаанд. Хулоса ва таклифҳои пешниҳодшуда ба андешаи мо сазовори эътиборанд ва аз ин рӯ бо боварӣ тасдиқ кардан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Хакимов Каримҷон Савзаалиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050601 –Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**И.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и., дотсент**

**Б.М. Ҷумъаев**

**Суроға:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
тел.: (+992 934888670), E-mail: j_bahoviddin@mail.ru

Имзои Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович –доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Ҷураев Ш.Н.